# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 23 ноябри соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи "Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ – фалсафӣ)", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа(роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, мудири Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ Назариев Рамазон Зибуҷинович), тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов М.Ҳ ва номзади илмҳои фалсафа Маҷидов Д.Ҳ., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: д.и.ф., профессор Самиев Б.Ҷ., д.и.ф., профессор Қодиров К.Б., д.и.ф.,Маҳмадова М.Ф., д.и.ф., Солиҷонов Р ва д.и.ф., профессор Ахмедов С дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи "Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ – фалсафӣ)", ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;

2. Маводи чопнамудаи муаллиф мазмун ва моҳияти диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Қосимов Қурбонали Абдусамадович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Қосимов Қурбонали Абдусамадович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул мешавад.

Иҷозат диҳед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои Шуроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

23 ноябри соли 2023